**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). – шаҳри Душанбе, 2025. – 168 с.**

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» **ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунанд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он аст,** ки масъалаи тағйироти наҳвӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавии асари бадеӣ, анъанаҳои корбурди он дар забони муосири англисӣ ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили он дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бори аввал сурат мегирад. Вобаста ба ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Эрнест Ҳемингвей сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** ба он равона мегардад, ки аз ҷониби диссертант бори аввал хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей ва таҳвили онҳо ҳангоми интиқол ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур роҳу усулҳои татбиқи таҳвилоти тарҷумавӣ ва, дар ин замина, ташаккули шакли муназзами ҷумлаи матни тарҷумавӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор дода шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** аз нигоҳи илмӣ асоснок шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомадаро, ки бо фарогирии 5 банд пешниҳод гардидаанд, инъикос карда метавонад. Аз ҷумла:

1. Таҳқиқи муқоисавии таҳвилоти тарҷумавӣ дар асоси забонҳои гуногунсохтор ба бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи назария ва амалияи тарҷума мусоидат менамояд, ки ин масъала то ба имрӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

2. Тарҷумаи асарҳои бадеӣ яке аз мураккабтарин навъҳои тарҷума ба шумор меравад, ки дорои жанру образи махсус аст ва вазифаи тарҷумон интиқол додан ва пайдо намудани муодилҳои муайяну мушаххас дар сохтор

ва мазмуни ҷумла ба шумор меравад ва таҳқиқи мазкур заминаи боэътимод ва мусоиди назариявиро барои пажуҳишҳои минбаъдаи муқоисавӣ ба вуҷуд меорад...

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст,** ки натиҷаҳои таҳқиқот вижагиҳои таҳвилоти наҳвиро дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ таъмин менамояд. Таҳлили илмии тарҷума дар татбиқи таҳвилоти сарфӣ ва наҳвӣ дар раванди тарҷумаи бадеӣ аз рӯйи ақидаҳои олимону муҳаққиқони соҳа сурат гирифтааст.

**Боби якуми диссертатсия «Тарҷумаи бадеӣ ва хусусиятҳои он»** унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст. Дар ин боб диссертант масъалаҳои умдаи назарияи тарҷумаи бадеӣ, мавқеи хусусиятҳои услубӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар назарияи тарҷумаи бадеӣ ва қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар раванди тарҷумаи асарҳоиро баррасӣ намудааст.

Муҳтавои зербобҳои боби мазкур аз ҷиҳати мантиқӣ ба унвони боб робитаи қавӣ дошта, дар мундариҷаи онҳо масъалаҳои гузошташуда ба таври мукаммал инъикос ёфтаанд.

Зимни баррасии боби мазкур диссертант дар доираи панҷ банд вобаста ба вижагиҳои тарҷума, аз ҷумла матни бадеӣ хулосаҳои амиқ пешниҳод кардааст, ки ҷолиби диққат аст. Аз ҷумла: таъкид шудааст, ки дар матни бадеӣ фарҳанги як марҳалаи муайяни ҳаёти ҷомеа (анъанаҳо, урфу одат, ҳуввият, расму оин) таҷассум меёбад, ки ҳангоми тарҷумаи матни бадеӣ ҳама ин хусусиятҳо ба матни тарҷумашуда интиқол меёбад. Матни бадеии тарҷумавӣ ба рушди фазои адабии фарҳанги дигар таъсир расонида, дар фарҳанги забони тарҷума образҳои нав эҷод мекунад.

**Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Заминаҳои забоншиносии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи баде»** номгузорӣ шуда, фарогири 3 зербоб аст. Масъалаҳои баррасишудаи боби мазкур асосҳои назариявии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ ва омилҳои истифодаи онҳо, низоми наҳвии калимаҳо дар ҷумла: воҳидҳои наҳвӣ ва маъноӣ ва таҳвили сарфии матни бадеии тарҷумавӣ аз англисӣ ба тоҷикӣ мебошанд.

Зимни омӯзишу баррасии боби мазкур диссертант ба чунин натиҷа омадааст, ки талаботи асосии тарҷума наздик намудани матни тарҷума ба матни асл аз ҷиҳати шабоҳати маъною сохтор ва таъсири имконпазири эҳсосотӣ ва зебошиносӣ ба хонанда ва ё шунаванда аст. Дар амал, раванди ноил шудан ба ин баробарӣ аксар вакт як қатор мушкилотро ба миён меорад. Зеро мавҷудияти фарқҳои муайян миёни забони асари бадеӣ ва забони тарҷума, аз қабили тафовутҳо дар низом, сохтор ва меъёрҳои забон, захираи

донишҳои фарозабонӣ барои ноил гаштан ба муодилнокии пурраи матни асл ва тарҷумамушкили эҷод мекунад.

Инчунин, диссертант хулосаҳои худро дар ин боб бо фарогирии 5 банд асоснок намудааст, ки аз нигоҳи илмӣ дуруст таҳия шудаанд.

**Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "Хусусиятҳои типологии ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей)"** унвон гирифта, фарогири 4 зербоб аст. Дар ин боб ҷанбаҳои назариявии ҷумла ва хусусиятҳои он, ҷумлаи сода ва хусусиятҳои он дар матни бадеии тарҷумавӣ, таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мураккаб дар матни бадеии тарҷумавӣ, тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асараи Э. Ҳемингвей " Пирамард ва баҳр" аз англисӣ ба тоҷикӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар баробари дигар масъалаҳо дар ин қисмат диссертант бо мисолҳои мушаххас оид ба таҳвили ҷумлаи мураккаб ба ҷумлаи сода дар раванди тарҷума аз англисӣ ба тоҷикӣ марок зоҳир кардааст, ки диққатовар аст, аз ҷумла (ниг. ба саҳ. 142):

**Мисол:**

"It was on the third turn that he saw the fish first" p. 18].

**Тарҷума:**

"Моҳиро ӯ ҳангоми даврзании сеюмаш дид" с. 19].

Ба анешаи диссертант ҳолати мазкур бештари вакт ҳаноми тарҷумаи ҷумлаҳое мушоҳида мешавад, ки дар он ҷонишини It ба ҳайси мубтадои расмӣ амал менамояд.

Зимни омӯзиши диссертатсия маълум гардид, ки вижагиҳои ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тоҷикӣ (дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей)" аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ дуруст аз ҷониби диссертант баррасӣ ва корбурд гардидаанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастомада дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ метавонанд ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат намоянд. Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд истифода гарданд.

**Диссертант оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, 8 мақолаи илмӣ**, аз ҷумла 4 мақода дар маҷаллаҳои тақришавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки ба мазмуну муҳтавои диссертатсия равона гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор, мундаричаи диссертатсияи Мустафоева Музаяна, сабки нигориш ва ороиш, ҳамчунин ҳаҷми он ба талаботу меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Автореферати диссертатсия** мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари натиҷаҳои бадастомада ба назари мо баъзе камбудӣ ва норасоиҳои зерин дар матни диссертатсия ба назар мерасад:

1. Агар муаллиф дар доираи боби якуми диссертатсия оид ба заминаҳои таърихии тарҷумаи бадеӣ дар забонҳои муқоисашаванда маълумоти илман асоснок пешниҳод мекард, арзиши диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.
2. Дар саҳифаи 39-40-и матни диссертатсия номи намояндагони маъруфи назарияи тарҷума олимони шуравӣ оварда шуда, дар барбари ин номи намояндагони тоҷик дар ин самт, алалхусус, дар даврони истиқлол оварда мешуд, ба манофеи кор мешуд.
3. Агар диссертант дар шакли замима баъзе мисолҳои мушахассро аз нигоҳи тағйироти наҳвии ҷумла дар мисоли асараи Э. Ҳемингвей " Пирамард ва баҳр" аз англисӣ ба тоҷикӣ меовард, ба хонанда он ҳамчун навгонии дигари кор пешниҳод мегашт.
4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии таҳқиқотро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки муаллиф мақсаду вазифаҳои гузоштаשударо пурра иҷро карда, тӯли солҳои зиёд дар роҳи пурмашаққати илм кор намуда, теъдоди зиёди мақолаҳои илмӣ дар ин самт таълиф кардааст.

Дастоварди дигари диссертант дар он аст, ки наҳв яке аз қисматҳои мураккаби забон ба шумор рафта, аз ин нигоҳ баррасӣ намудани хусусиятҳои типологии ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей) кори саҳлу содда нест.

**Хулоса,** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори

мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

Имзои Ҷамшедов Парвонахонро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Толиб

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

«__8__»__майи______соли 2025

мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

Имзои Ҷамшедов Парвонахонро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

«__8__»__майи______соли 2025